«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ”,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_____ Раҳмон Д.С.
«__» _____ соли 2025

ХУЛОСАИ
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» протоколи №8/4 аз 29.03.2025

Ба кори диссертатсионии Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» дар солҳои 2019-2025 иҷро шудааст.

Дар давраи иҷроиши диссертатсия Шарифзода Суҳроб Каримхон унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» буда, таҳкикотҳои илмиро оид ба омӯзиши пурраи мавзуи рисолаи илмӣ соли 2019 дар кафедраи макур оғоз намудааст.

Шарифзода Суҳроб Каримхон соли таваллудаш 24.01.1988, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2012 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси иқтисодчӣ - менеҷмент хатм намудааст.

Аз соли 2017 сар карда, дар кафедраи менеҷмент ва маркетинг ба ҳайси ассистенти кафедра ба кор қабул шудааст. Аз 01.09.2019 то 30.12.2019 дар факултети иқтисод ва идора, аз 01.08.2020 то 30.05.2020 дар факултети молиявию иқтисодии Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳайси танзимгар фаъолият намудааст.

Соли 2020 тибқи фармоиши ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» таҳти № 126 ба ҳайси унвонҷӯ дохил шуда, рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ оғоз намудааст.

Имтиҳонҳои минимуми номадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар санаи 29.01.2022 бо баҳои 5 (аъло) шаҳодатномаи №11 ва фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар санаи 30.06.2023бо баои 4 (хуб) шаҳодатномаи №15 дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ва аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ бо баҳои 4 (хуб) дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз 19.02.2024 сол, шаҳодатномаи №933 супоридааст.

Роҳбари илмӣ: Мирсаидов Аврор Бобоевич, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, таъин гардида, дар асоси қарори Шурои олимони Донишгоҳ, мавзуи кори диссертатсионӣ бо ворид намудани тағирот аз 27 сентябри 2024 №2/4-15 тасдиқ шудааст.

Муқарризон:

Бобоазиззода Шодмон Абдуғафур н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

Фатҳуллозода Аблухолиқ Фатҳулло номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;

Комилов Низомуддин Бегаҳмадович номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Муҳимият ва зарурияти баргузории таҳқиқот. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Ислоҳоти куллии иқтисодиёти аграрии мамлакат дар солҳои истиқлолият, ки ба ғайридавлати гардонидани моликият тавассути хусусигардонии бархе объектҳои давлатӣ ва ташкили истифодаи хусусии замин дар доираи моликияти инҳисории давлат бар замин ҳамчун омили асосии истеҳсолот нигаронида шуда, сабаби асосии ба вуҷуд омадани шакли нави ҳамкориҳои иқтисодӣ гардида, дар худ инъикосгари мушкилот ва муаммоҳои нави иқтисодӣ дар ҳолати ҷой доштани номувозинатии талабот ва таклифот гардид. Яке аз чунин сабабҳо риоя нагардидани принсипҳои асосии афзоиши дараҷаи самаранокии заминҳои кишоварзӣ маҳсуб буда, аз дараҷаи ҳосилхезии заминҳои таъиноти кишоварзидошта ва вайрон гардидани ҳолати мувозинатии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ки дар доираи фаъолияти худ афзалиятҳои заминҳои кишоварзӣ аз гардиши иқтисодӣ ва амсоли инҳо ба ҳисоб мераванд. Таҷрибаи ғании ислоҳоти замин нишон медиҳад, ки дар мадди аввал маҳаки асосии ба вуҷуд омадани муносибатҳои густурдаи иқтисодӣ ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар асоси таҳия ва коркарди сиёсати иқтисодии заминистифодабарӣ дар чаҳорчӯби муносибатҳои бозорӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, ин масъалаи мураккаб ба асосноккунии дахлдори назариявӣ ва дастгирии методӣ ниёз дорад. Айни замон натиҷаҳои назаррас дар ин самт ба назар намерасанд. Аз ин лиҳоз, таҳияи мушкилоти ҷараёни баҳодиҳии таҳлилии сармоягардии замин ва натиҷаҳои ислоҳоти замин дар бахши иқтисодиёти кишоварзии иқтисодиёт ба миён омадааст.

Масъалаҳои истифодаи самараноки заминҳои таъиноти кишоварзидошта, обёрикунии заминҳои лалмӣ, аз ҳисоби усулҳо, фишангҳо

ва механизмҳои нав обёрӣ намудани заминҳои кишоварзӣ ва дубора мавриди истифода қарор додани заминҳое, ки аз истифода берун мондаанд, дар меҳвари сиёсати иқтисодии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Илова бар ин, таҳия ва коркарди механизми таъминоти иттилоотиву таҳлили истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, ки ҷанбаҳои институтсионалии он ҳангоми таҳия ва коркарди санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар доираи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии сатҳи иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ пешакӣ инъикос мегарданд, афзалият ва авлавиятҳои он дониста мешаванд, ки имкон медиҳад, вазъи ояндаи соҳаи кишоварзӣ дар умум бештар мавриди таҳқиқ қарор дода шавад.

Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2023 таъкид менамоянд, ки «тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва болоравии мунтазами нархи маҳсулоти ғизоӣ моро водор менамояд, ки ба беҳсозии ҳолати соҳаи кишоварзӣ, афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он, рушди маҷмааҳои агросаноатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани амнияти озуқавории кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем». Дар инҷо диққати асосӣ, ки ба рушди бемайлони соҳаи кишоварзӣ оварда мерасонад, маҳз афзоиши он маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ дар назар дошта мешавад, ки ҳангоми истифодаи самараноки захираҳои замин аз ҳисоби истифодаи дурусти иқтидорҳои ҷойдоштаи бахши аграрии иқтисодиёт ба даст оварда мешаванд. Бинобар он таҳияи Консепсия ва сохтори иқтидори иқтисодии заминҳои соҳаи кишоварзӣ мафҳумҳои муҳим дар сохтори таъминоти илмию методии фаъолият ва ташкили хоҷагидорӣ, таҳқиқи хусусиятҳои ташаккул ва қонунҳои фаъолияти иқтисодиёти корхонаҳои кишоварзӣ, сохтори истеҳсолӣ ва ҷузъи инфрасохтории он мебошанд. Маҳз иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ҳамчун асоси моддии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ баромад мекунад.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки механизми амалкарди таъминоти иттилоотиву таҳлилии дараҷаи самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар ҳудуд ва фазои иқтисодии муайян, яъне вилояти Хатлон имкониятҳои иқтисодии минтақаро аз ҳисоби ҷой доштани маълумотҳои илмии дақиқ ва шаффоф васеъ намуда, ҳамчун воситаи асосии таҳлили баромад менамояд. Имконияти бо тарзи нав дидану баромадани механизми амалкарди болоӣ аз мавҷудияти иқтидори табиӣ ва захиравии бойи минтақа вобаста буда, арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои соҳаи кишоварзӣ ҳамчун нишондиҳанда баромад карда, имкон медиҳад, ки на танҳо рақобатпазирӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ ва дараҷаи сармоягардии фаъолияти корхонаҳо баҳо дода шавад, балки роҳҳои асосии баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаву самаранокии заминҳои кишоварзӣ вобаста ба унсурҳои сохтории иқтидори заминҳои кишоварзии манотиқи кишвар, қабл аз ҳама вилояти Хатлон, муайян ва асоснок карда шавад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо такя ба санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва асноди зерин:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 5 марти соли 2007, № 241 бо тағйиру иловаҳо аз 18 марти соли 2022, № 1866). «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027», «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз з 30 сентябри соли 2022, №483» анҷом дода шудааст.

Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ. Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳия ва коркарди муқаррароти назариявию-методологии низоми арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои соҳаи кишоварзӣ ва тавсияҳои методиву амалӣ оид ба истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии заминҳои таъиноти кишоварзидошта ва самаранокии истифодаи он дар асоси истифодаи дурусти механизми амалкарди таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ амалӣ карда мешавад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Дар доираи таҳқиқоти илмӣ ҳадафи гузошташуда ба иҷрои як қатор вазифаҳо оварда мерасонад, ки роҳҳои ҳалли онҳо дар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалӣ сурат мегиранд ва онҳо иборанд аз:

- таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии моҳияти иқтисодии замин ҳамчун омили асосии истеҳсолот ва иқтидори иқтисодии раванди тавлиди молу маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасониҳо дар заминаи раванди таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ;
- ворид намудани муқаррарот доир ба методологияи арзёбии иқтисодии иқтидори заминҳои соҳаи кишоварзӣ дар асоси ошкорсозии принсипҳо ва омилҳои таъсиррасони раванди таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ;
- таҳлил ва арзёбии ҳолати муосири истифодаи самараноки захираҳои замини соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар асоси истифодаи механизми иқтисодии таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ;
- арзёбии ҳолат ва вазъи танзими давлатии истифодаи самараноки заминҳои соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ;
- ошкорсозии роҳҳои такмили танзими давлатии такористеҳсоли заминҳои соҳаи кишоварзӣ ва такмили усулҳои баҳодиҳии иқтидори заминҳои кишоварзӣ ва дар ин асос муайян намудани самтҳои ояндадори бахши аграрии вилояти Хатлон.

Объекти таҳқиқот. Фаъолияти субъектҳои хоҷагидории соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар асоси таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ мебошад.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот. Мавзуи таҳқиқот муносибатҳои иқтисодиё мебошанд, ки дар ҷараёни истифодаи самараноки захираҳои замин аз ҷониби

субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи кишоварзӣ дар асоси истифодаи механизми иқтисодии таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ ба вуҷуд меоянд.

Асосҳои назариявӣ методологии таҳқиқот. Асоси назариявию методологии таҳқиқотро асарҳо, таҳқиқотҳо ва тавсияҳои илмии иқтисодчиён оид ба масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, таҳияи низоми идоракунии такрористеҳсоли захираҳои замин, ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рушди муҷтамаи агросаноатӣ, маводҳои методӣ ва коркардҳои дастаҷамонаи илмии мамлакат оид ба баҳодиҳии заминҳои кишоварзӣ ташкил медиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муносибатҳои иқтисодии алоқаманд ба объектҳо, ҷараёнҳо ва равандҳои таҳқиқшавандаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба истифодаи самараноки заминҳои соҳаи кишоварзӣ такя менамояд. Ҳангоми навиштани таҳқиқоти илмӣ усулҳои диалектикӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, монографӣ, иқтисодӣ-математикӣ, иқтисодӣ-оморӣ ва дигар усулҳои таҳқиқоти иқтисодӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи менеҷмент ва маркетингӣ МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» дар солҳои 2019-2025 иҷро шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва амалии таҳия ва коркарди механизми амалкарди таъминоти иттилоотиву таҳлилии дараҷаи самараноки истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва дар ин асос ҳолати истифодаи захираҳои ҷойдоштаи иқтисодӣ, ки аз ҷониби субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ аз худ карда мешаванд ва ин боиси беҳтар гардидани доираи муносибатҳои иқтисодӣ дар асоси таъсиси кластери ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ татбиқ мегардад.

Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмии онро мутобиқ ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда муайян менамоянд, бандҳои зерин баромад менамоянд:

1. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии замин ҳамчун омили асосии истеҳсолот ва соҳаи кишоварзӣ нишон медиҳад, ки иқтидори иқтисодӣ ва истеҳсолии замин ҳамчун манбаи даромад ва макони истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва воситаҳои техникиву технологӣ мавриди истифода қарор дода шавад ва дар ин асос замин барои субъектҳои хоҷагидор ҳамчун захираи инвеститсионӣ хизмат намуда, даромад меорад ва аз тарафи дигар маҳсулоти аз он гирифташуда талаботи аҳолиро ба озуқаворӣ ва корхонаҳои саноатиро бо ашёи хом таъмин менамояд;

2. Ошкор карда шудааст, ки маҷмӯи принсипҳо ва омилҳои арзёбии иқтисодии иқтидори заминҳои кишоварзӣ дар сатҳи минтақаи муайян ва фазои иқтисодии субъектҳои хоҷагидор аз ҳисоби таҳияи усулҳои нави иқтисодӣ, ки бо тарзи нав ченакҳои бозории заминҳои кишоварзиро арзёбӣ намуда, усули сармоягардии даромад (дар асоси муайян кардани маблағи

рентаи замин, ки механизми амалкарди он иборат аст аз фоидаи иҷоравии хоҷагидор ва капитализатсияи дороиҳои хоҷагии деҳқонӣ) ва арзёбии қитъаҳои замини истифодашаванда, ки нархи маҳсулоти истеҳсолгардида аз ҳисоби афзоиши гирдгардиши маҳсулот ва дараҷаи воситаҳои ёрирасон ба роҳ монда шуда, дар ниҳояти кор истифода намудани заминҳои соҳаи кишоварзӣ имкониятҳои иқтисодии субъектҳои намудҳои фаъолияти иқтисодиро васеъ менамоянд;

3. Ҳолат ва тамоили истифодаи заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон аз нуқтаи назари самаранокии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ вобаста буда, муаммоҳо ва омилҳои маҳдудкунандаи самаранокии такрористеҳсоли захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ аз мутобиқ набудани воситаҳои мавҷудаи танзими муносибатҳои субъектон нисбати замин ба талаботи аҳолӣ ва меъёрҳои ҷаҳонӣ бо назардошти дараҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ муайян карда мешаванд;

4. Пешниҳод карда мешавад, ки механизми амалкарди дараҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар асоси танзими давлатии муносибатҳои иқтисодӣ доир ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва ҳамкориҳии иқтисодии давлат бо бахши хусусӣ ба роҳ монда шуда, сатҳи баланди тақсимгардии замин миёни субъектҳои хоҷагидори хурд, ки ба берунравии майдони заминҳои кишт вобаста ба ҳудудмуайянкунӣ берун рафтааст, амалӣ карда мешавад. Дар инҷо муаммои асосӣ дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани дараҷаи таъминоти молиявӣ ва нобаробарии раванди тақсимоти қитъаҳои заминҳо барои субъектҳои хоҷагидор ва инчунин махсусияти заминҳои кишоварзӣ дар давраи дарозмуҳлат ҷудо мегардад.

5. Таҳия ва коркарди механизми амалкарди иқтисодӣ, ки иборат аз таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ мебошад, ба васеъшавии такрористеҳсолоти заминҳои кишоварзӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ, ки аз ҷониби марказ, яъне мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии сатҳи минтақавӣ бароварда мешавад, ба беҳтаршавии вазъи ҳисобҳои оморӣ, бухгалтерӣ ва таҳлилии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор (деҳқонӣ ва фермерӣ) аз ҳисоби такмили механизмҳои дастгирии давлатии такроистеҳсоли ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ ва дараҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ асоснок карда мешаванд. Такмили механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ роҳандозӣ карда мешавад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

– Аз лиҳози назариявӣ моҳияти иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ҳамчун омили асосии истеҳсолот дар назар дошта шуда, маҷмуи нафънокӣ ва қобилияти истеҳсолии онҳо, ки бо низоми захираҳои истеҳсолӣ алоқамандии бевосита дошта, вобаста ба ченакҳои иқтисодӣ, ки ба фоидаи рентавӣ, омили дараҷаи саҳмгузорӣ ба фаъолияти иқтисодӣ алоқаманд буда, дар ниҳоят талаботи аҳолиро пурра қонеъ мегардонад. Асоси ғояи мазкурро пешбурди фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор, ки иқтидори иқтисодии

заминҳои кишоварзиро танҳо ба манфиати худ истифода менамоянд, ташкил медиҳанд;

– Аз лиҳози методологӣ ошкор намудани ҷанбаҳои услубӣ оид ба арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои таъиноти кишоварзидошта дар фазои иқтисодии муайян бо назардошти маҷмуи принсипҳо ва омилҳои таъсиррасон имкон пайдо намуд, ки субъектҳои фаъолияти хоҷагидор ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ қитъаи замини истифодашаванда, ки хусусияти мавсимӣ дорад, дар асоси муайян кардани маблағи рентаи пешбинишуда, аз ҷумла, даромади иҷора, инчунин тарзи самаранок дар асоси ҷой доштани нархи миёнаи бозорӣ истифода намудани заминҳои соҳаи кишоварзӣ имкониятҳои иқтисодии субъектҳои намудҳои фаъолияти иқтисодиро васеъ менамоянд;

– Таҳлил ва арзёбии ҳолати кунунии истифодаи заминҳои кишоварзии сатҳи ҳудудӣ ва минтақавӣ, алалхусус дар ҳудуди вилояти Хатлон аз ҳисоби механизми амалкарди иттилоотиву таҳлилӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи таъсиррасонии омилҳои гуногун, пеш аз ҳама, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ муайян карда шуда, маҳдудияти самаранокии такроистеҳсоли захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ аз мутобиқ набудани воситаҳои мавҷудаи танзими муносибатҳои субъектон нисбати замин ба талаботи аҳолӣ ва меъёрҳои ҷаҳонӣ, бо назардошти дараҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ муаяйн карда шаванд. Дар ин роста, истифодаи механизми иқтисодии амалкарди таъмини иттилоотиву таҳлилӣ ба вуҷуд меояд ва тавассути он самаранокии иқтисодии заминҳои соҳаи кишоварзӣ афзоиш меёбад;

– Пешниҳод намудани усули муаллифии истифодаи дараҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ нишон дод, ки дараҷаи нисбатан пасти самаранокии танзими давлатии истифодаи заминҳои соҳаи кишоварзӣ боло бардошта шуда, вазъи иқтисодӣ вобаста аз сармоягардии бозории замин ва ҳамкориҳии иқтисодии давлат бо бахши хусусӣ ба роҳ монда шуда, сатҳи баланди тақсимгардии замин миёни субъектҳои хоҷагидори хурд, ки ба берунравии майдони заминҳои кишт вобаста ба ҳудудмуайянкунӣ берун рафтааст, амалӣ карда мешавад. Асоси пешниҳоди мазкур иборат аз: сатҳи нокифояи дараҷаи таъминоти молиявӣ, нобаробарии раванди тақсимоти қитъаҳои заминҳо барои субъектҳои хоҷагидор ва махсусияти заминҳои кишоварзӣ дар давраи дарозмуҳлат мебошад;

– Муайян намудани самтҳои ояндадори баланд бардоштани самаранокии такроистеҳсоли заминҳои ҳосилхез, сармоягардии бозории онҳо дар доираи ташкили тақсимоти меҳнат, гузаронидани баҳисобгирии объективии тамоми заминҳои кишоварзӣ ва таснифкунии истифодабарандагони он дар сатҳи вилояти Хатлон аз ҳисоби механизми иқтисодии дастгирии давлатии такроистеҳсоли ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ ва аз ҳисоби дараҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ метавонад амалӣ карда шавад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар асосноксозии ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии муайян намудани самаранокии истифодаи

заминҳои соҳаи кишоварзӣ дар асоси механизми иқтисодии амалкарди таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ ифода меёбад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ равишҳои гуногуни назариявӣ аз нуқтаи назари таҳаввулоти илмии заминистифодабарӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муайян намудани дараҷаи самаранокии истифодаи захираҳои заминро дар асоси консепсияи «замин ҳамчун омили асосии истеҳсолот» вобаста медонад. Натиҷаи илмии назариявии ба дастомада имкон медиҳад, ки вазъи иқтисодиёти минтақаи муайян, ки дар ҳудуди як давлат қарор дорад, аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ беҳтар карда шавад. Дар баробари ин, омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ зарурати таъсиси кластери ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзиро дар асоси механизми амалкарди иқтисодии он ба хотири муайян намудани самтҳои ояндадори фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд меорад.

Дар кор карда баромадани таъминоти методии равандҳои истифодаи самараноки заминҳои соҳаи кишоварзӣ дар иқтисодиёти вилояти Хатлон ва арзёбии самаранокии истифодаи онҳо маънидод менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқотро роҳбарон ва мутахассисони корхонаҳои кишоварзӣ, раёсати кишоварзии мақомоти маҳалии иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои вилояти Хатлон ҳангоми асоснок кардани самтҳои тараққиёти истеҳсолоти кишоварзӣ дар зинаҳои гуногун истифода бурда метавонанд. Тавсияҳои амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ вазъи иқтисодиёти вилояти Хатлонро аз ҳисоби истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, ки аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор истифода мегарданд, дар ояндаи дарозмуддат беҳтар мегардонад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷӣ дар самти арзёбӣ, истифодаи оқилона ва самараноки заминҳои кишоварзиро ба таври эҷодкорона мавриди истифода қарор додан имконпазир аст. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳлили иқтисодӣ ба таври васеъ истифода шуда, хулосаву пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расонида шудааст. Натиҷаҳои интишорёфтаи кор эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ менамоянд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мундариҷа ва навгониҳои илмии мавзуъ ба бандҳои Шиносномаи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла бо бандҳои зерин мутобиқ аст: 1. Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз он ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои КАС; 3. Танзими давлатии хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои КАС; 9. Самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳои КАС; 13. Механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии хоҷагидорӣ дар КАС, ҷабҳаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии равандҳои технологӣ дар хоҷагии қишлоқ. 14. Масъалаҳои иқтисодии ташаккулёбӣ ва фаъолияти сохторҳои интегратсионӣ дар КАС ва

хоҷагии қишлоқ; 17. Ташаккулёбӣ, инкишоф ва фаъолияти сохтори иттилоотӣ-машваратӣ дар КАС; 28. Баҳодиҳии методологии самаранокии фаъолияти корхонаҳои (хоҷагиҳои) КАС; 42. Ташаккул ва рушди интегратсия (ҳамгирой) дар соҳаи кишоварзӣ; 43. Ташаккул ва рушди муносибатҳои рентавӣ ва тақсими даромади корхонаи комплекси агросаноатӣ.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ. Таълифоти шахсии муаллиф мазмуни диссертатсия ва нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро фаро мегиранд. Ҳаммаи натиҷаҳои дар диссертатсия ҳосилшуда маҳсули таҳқиқи шахсии муаллиф мебошанд. Аз лиҳози консептуалӣ ғояи илмӣ пешниҳод карда шудааст, ки тибқи он асосҳои назариявии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар сатҳи минтақавӣ аз таҳия ва коркарди механизми иқтисодии амалкарди таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ вобастагии амиқ дорад. Ин вобастагиро ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи кишоварзӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Таъсиси кластери ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти иқтисодии субъектон дар мадди аввал васеъ гардида, яъне намудҳои нави фаъолияти иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, дар навбати дигар сатҳи рушди иқтисодии вилояти Хатлон дар ояндаи наздик бо нишондиҳандаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ баробар карда мешавад.

Интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз руйи мавзуи диссертатсия

а) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Шарифов С.К. Самаранокии истифодабарии захираҳои заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон [Матн] С.К. Шарифов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав, 2021. №1/4. – (92) С.238-241.

[2-М]. Шарифов С.К. Моҳияти арзёбии иқтисодии замин ва раванди тадбиқи стратегияҳо ва барномаҳо дар самти истифодаи замин [Матн] С.К. Шарифов // Маҷалаи илмии «Кишоварз»-и Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. 2023. №1 (98) – С. 297-302.

[3-М]. Шарифов С.К., Мирсаидов А.Б. Мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии такрористеҳсоли заминҳои таъиноти кишоварзӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2024. №4. – Қисми 1. С.116-122. (Ҳаммуаллифӣ).

[4-М]. Мирсаидов А.Б., Шарифов С.К. Муносибатҳои назариявӣ доир ба моҳият ва арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2024. №1. – (51) С.185-193. (Ҳаммуаллифӣ).

[5-М]. Шарифзода С.К. Таҳлили иттилоотию самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар шароити тағйирёбии иқлим дар мисоли вилояти Хатлон // Маҷалаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии нади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025. №3. – (74) С.352-359.

б) Дар дигар нашрияҳо:

[6-М]. Шарифов С.К., Ҳасанова Ф.Ш. Саҳми соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар таъмини амнияти озуқаворӣ [Матн] С.К. Шарифов, Ф.Ш. Ҳасанова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «Ташаккули бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди устувори иқтисоди миллӣ» – Кӯлоб (17 декабри соли 2022. – С. 504-507. (Ҳаммуаллифӣ).

[7-М]. Шарифов С.К. Моҳияти масъалаҳои асосии назариявӣ ва методологии арзёбии заминҳои кишоварзӣ [Матн] С.К. Шарифов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Душанбе 2023. №3. – С. 54-57.

[8-М]. Шарифов С.К. Таҳлили самараноки иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзии минтақаҳои Тоҷикистон // Маводи конференсияи байналмилалӣ илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили муҳимми таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир» - Кӯлоб, 9-10/06/2023. – С 582-586.

[9-М]. Шарифов С.К. Асосҳои маънидодкуниҳои иқтисодии захираҳои замин ва қитъаи замин [Матн] С.К. Шарифов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми идоракунии инноватсияҳо дар корҳонаҳои саноатӣ» – Кӯлоб, 20 октябри соли 2023. – С 117-119.

[10-М]. Комилов Н.Б., Шарифов С.К. Амалӣ намудани тадбирҳои агротехникӣ, агрохимиявӣ ва мелиоративӣ дар такрористеҳсоли заминҳои кишоварзӣ [Матн] Н.Б. Комилов, С.К. Шарифов // Маводи конференсияи байналмилалӣ илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ» – Кӯлоб, (19-20.12.2023. – С 679-183. (Ҳаммуаллифӣ).

[11-М]. Шарифов С.К. Арзёбии сатҳи самараноки истифодаи заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон [Матн] С.К. Шарифов // Маводи конференсияи байналмилалӣ илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ» – Кӯлоб, (19-20.12.2023. – С 683-186.

[12-М]. Шарифзода С.К., Давлатов Г.П. Арзёбии бозории заминҳои кишоварзӣ, бартари ва камбудиҳо, (дар мисоли хоҷагиҳои деҳқонии шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон) [Матн] С.К. Шарифзода, Г.П. Давлатов// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «Муаммоҳои муосири баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ғайринақдикунонии пардохтҳо» (ш. Кӯлоб, 10 октябри соли 2024). – С 184-187. (Ҳаммуаллифӣ).

[13-М]. Шарифзода С.К. Такмили муносибатҳои бозорӣ ва методҳои арзёбии иқтидори заминҳои кишоварзӣ [Матн] С.К. Шарифзода, Ф.Ш. Ҳасанзода// Маводи конференсияи байналмилалӣ илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити иқтисоди рақамӣ ва саноаткунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикитон» – ш. Душанбе, (09.11.2024. – С 206-211. (Ҳаммуаллифӣ).

[14-М]. Шарифзода С.К. Афзалияти соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза [Матн] С.К. Шарифзода// Маводи конференсияи байналмилалӣ илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Шароитҳои гидрологии Тоҷикистон ва ҳифзи манбаъҳои обӣ омили таъмини иқтисодиёти сабз дар минтақа» – ш. Кӯлоб, (14.03.2025. – С 158-161.

ХУЛОСА

1. Кори диссертатсияи Шарифзода С.К. ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод гардидааст, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, теъдод ва интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия мутобиқат менамояд.

2. Кори диссертатсияи Шарифзода С.К. ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ бо дарназардошти баъзе камбудиҳои ошкоргардида ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедрҳоаи менеҷмент ва маркетинг, иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ, моли ва қарзи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» (протоколи №8/4 аз 29.03.2025) тасдиқ шудааст

Натиҷаи овоздиҳии кушод: Тарафдор – 21 нафар, Зид – нест, Бетараф – нест.

Раискунанда, номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо
ва соҳибкории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Расулзода Л.Н.

Котиб, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Муассисаи давлатии таълимии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба
номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Содиқзода З.С.

Имзоҳои Расулзода Л.Н.,
Содиқзода З.С., ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба
номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф. А.